Тақриз

ба автореферати рисолаи номзадии Фаттона Бадахш таҳти унвони

**“Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин қаноат ва Восифи бохтарӣ (таҳқиқи қиёсӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01.**

Таҳқиқи қиёсии вежагиҳои адабиёти халқҳои мухталифи олам, аз ҷумла намояндагони ҷудогонаи адабиёти миллатҳо яке аз масоили мубрам ва муҳими адабпажӯҳишии муосир эътироф гардидааст. Имрӯз бар асоси рушди ин тамоиюли адабпажӯҳӣ адабиётшиносии татбиқи дар саросари олам, аз ҷумла адабиёти кишварҳои ҳамзабон ривоҷ касб мекунад.

Пайванди рӯҳӣ ва маънавии шоирони кишварҳои форсизабон ҳарчанд дар марҳилаи нави таърихӣ тамоюлҳои дигаргунае касб мекунад, аммо ба мушоҳида мерасад, ки ин раванд новобаста ба ягонагӣ ва тағирёбии қаламрави ҷуғрофиёи таърихӣ заминаҳои муҳими таърихӣ касб кардааст. Бегумон зуҳури ҳамгуниҳо дар шеъру андешаҳои шоирони кишварҳои форсизабон, аз ҷумла Тоҷикистон ва Афғонистон ба решаҳои амиқи таърихии майлонҳои мазкур такя мекунад. Аз ин нуқтаи назар, рисолаи номзадии Фаттона Бадахш таҳти унвони “Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин қаноат ва Восифи бохтарӣ (таҳқиқи қиёсӣ)” аз ҳар ҷиҳат дорои аҳамияти муҳими илмӣ ба шумор меравад, ки ин раванди муҳими таърихӣ ва эҷоди самтҳои нави робитаҳои мавънавии шоирони муосири кишварҳои форсизабонро бозгӯӣ мекунад. Дар диссертатсия бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик бар асоси муқаррар намудани ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва таърихӣ таҳлили қиёсии мазмуну муҳтаво, анвоъи шеърӣ ва вежагиҳои ҳунарии ду суханвари мумтози ду кишвар- Муъмин Қаноат аз Тоҷикистон ва Восифи Бохтарӣ аз Афғонистон сурат гирифтааст, ки гуфтан мумкин аст, ки аз пажӯҳиши

муҳим дар адабиётшиносии татбиқии ду кишвари форсизабон ба шумор меравад.

Аз муҳтавои автореферат маълум мешавад, ки диссертант барои таълифи диссертатсияи худ аз сарчашмаҳои муҳими адабӣ, дар навбати аввал маҷмӯаҳои ашъори ҳар ду суханвар ва тадқиқоти дар ин замина анҷомдодаи муҳаққиқону мунаққидони Тоҷикистону ва Афғонистон истифода намуда, осори зиёдеро мутолеа кардааст. Дар заминаи таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоии ашъории ин ду шоир муҳаққиқи ҷавон иқдом намудааст, ки масоили худшиносии миллӣ, муҳаббат ба Ватан, бозгашт ба асли худ, мақоми зан дар эҷодиёти шуарои таҳқиқшаванда ва амсоли инро ҳамчун муҳиматарин масоили муқаррарсозандаи ҷанбахои иҷтимоӣ ва таърихии шеъри шоирони мавриди амиқан баррасӣ карда, дар ин асос муштаракот ва фарқияти сурудаҳои шоиронро муайян созад. Баробари ин, пайвандҳои маъноӣ, вежагиҳои ҳунариву мавзӯи дар анвоъи шеърӣ, чун ғазал,достон низ чун масъалаи меҳварии таҳқиқ мавриди пажӯҳиши муҳаққиқ қарор гирифта, дар ин замина ӯ муваққақ бар он гардидааст, ки ҳамгунӣ ва тафовутҳои сохториву муҳтавоии анвоъи ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ таҳқиқ намуда, хулосаҳои дақиқ ва мушаххас баровардааст, ки дар ин маврид гоҳо маворид истиқлоли назари муаллиф ба зуҳур мерасад.

Дар идомаи баррасиҳои анҷомдодаи диссертант вежагиҳои ҳунарии ашъори ҳар ду шоир бар асоси муқобала ва қиёс дар заминаи анвоъи мухталифи ашъор ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, дар ин маврид низ натиҷагириҳои матлуб ва судмандонаи муаллифи рисола ба мушоҳида мерасад.

Дар умум, диссертатсия бо шеваи мувофиқ ба таълифоти илмӣ ба қалам омада, аз чандин ҷиҳат дорои арзиш ва аҳамияти муҳим мебошад. Аммо мутолеаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки дар баробари ин дастовардҳо дар он баъзе камбудиҳо низ ба назар

мерасанд, ки раъфи онҳо барои боз ҳам афзудани эътибори илмии диссертатсия омил хоҳанд буд:

1. Диссертант дар бахши дараҷаи омӯхта шудани мавзӯи муқаддимаи диссертатсия тадқиқоти роҷеъ ба ин ду шоир анҷомёфтаро ба се бахш тақсим намуда, аз ҷумла вобаста ба бахши аввали он таъкид менамояд, ки онҳо эҷодиёти шоирро аз манзари нақди адабӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ба ин гурӯҳ Рустами Ваҳҳобро низ шомил намудааст. Ҳол он ки рисолаи номзадии ин муҳаққиқ (дар мисоли ашъори Муъмин Қаноат" унвон дошта, дар боби дувуми он бештар масоили поэтикаи ашъори шоир, аз ҷумла авзон ва хусусиятҳои ритмӣ, маҳорати истифодаи вазн ва унсурҳои дигари шеър ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

2. Дар баробари ин, дар ин қисмати рисола менависад, ки "Гурӯҳи дигари мақолаҳо дар муайян намудани вижагиҳои ашъори шоир нақши муҳим ва муассир гузоштаанд. Ба ин гурӯҳ мақолаҳои Раҳими Мусулмониён, Худоӣ Шариф, Абдулҳамиди Самад, Хуршеда Отахонова, Юсуф Акбаров ва дигаронро метавон дохил намуд".Дар навбати аввал бояд қайд намуд, ки Худоӣ Шарифов дар бораи Муъмин Қаноат як рисолаи мукаммале таҳти унвони "Савти Аҷам" ба қалам овардааст, ки онро метавон як монографияи муҳими илмӣ унвон кард, ки зиндагинома ва эҷодиёти шоирро ба таври мукаммал фаро гирифтааст. Хуб мебуд, ки муҳаққиқ дар қисмати дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ ба ин ду рисолаи ҷудогона дар бораи Муъмин Қаноат ба таври алоҳида таваҷҷуҳ намуда, ба самт ва тамоюлҳои таҳқиқии он ба сурати мушаххас ва дақиқ баҳогузорӣ менамуд.

3. Аз фишурдаи диссертатсия бармеояд, ки на ҳамаи таҳқиқоти анҷомёфта дар диссертатсия истифода шудааст. Баробари ин осори мазкур як рисолаи дигаре бо номи "Хиттаи муаттари шеър" ба қалам шоир ва мунаққиди тоҷик Муҳаммадалии Аҷамӣ тааллуқ дорад, ки бахше аз он ба нақду баррасии ашъори Муъмин Қаноат ихтисос дорад. Хуб мебуд, диссертант аз ин асари муҳим низ мавриди истифода қарор диҳад.

Албатта, ин камбудиву норасоиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро поин намебарад ва дар умум аз муҳтавои автореферати рисола бармеояд, ки он муҳтавои аслии диссертатсияро ифода мекунад. Дар умум, диссертатсия ҷавобгӯи талаботи муқаррарнамудаи диссертатсияҳои илмӣ аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, диссертант шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ,

муовини директори институти илмӣ- тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров Нуралӣ Нуров